# ҚАРОРИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-033 назди Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 10 марти соли 2023 № 3 ш. Душанбе

Кори диссертатсионии Дилшоди Ҳабибулло дар мавзӯи «Тағйирпазирии генотипии аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060707 – Генетика.

Баромади Дилшоди Ҳабибулло дар мавзӯи «Тағйирпазирии генотипии аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D060707 – Генетика (роҳбари илмӣ, д.и.б., профессор Носирова Ф.Ю.), тақризи муассисаи пешбар, тақризҳо ба автореферати диссертатсия ва баромади муқарризони расмӣ: Исмоилов Махсатулло Исроилович - доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур; Эшонова Зебунисо - номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи селексияи гандум ва ҷави Муассисаи илмию таҳқиқотии Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон; баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ докторони илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060707 - Генетика Абдуламонов Қ., Партоев К., Ҷумъаев Б.Б ва Нигмонов М -ро шунида ва муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-033 назди Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Дилшоди Ҳабибулло

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Дилшоди Ҳабибулло дар мавзӯи «Тағйирпазирии генотипии аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060707 – Генетика ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 67 ва 69 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ карда шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Диссертатсия ва мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи кори диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Дилшоди Ҳабибулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060707 – Генетика дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Дилшоди Ҳабибулло дипломи дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D060707 – Генетика диҳад.

Ки ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед.
Муқобил нест, Бетараф нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-033
назди Институти ботаника, физиология ва
генетикаи растании АМИТ, доктори
илмҳои биологӣ, профессор А.С.Саидов

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-033 назди Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании АМИТ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Ш.М. Мубалиева